# ПРОТОКОЛИ №31.3
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

21.09.2024

ш. Хуҷанд

**Иштирок доштанд:**

Аз ҳайати тасдиқшудаи шурои диссертатсионӣ бо шумораи 11 нафар дар маҷлис иштирок намуданд - 9 нафар, аз ҷумла докторони илм – 9 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда - 5 нафар

**РӮЗНОМА:**

Ҳимояи диссертатсияи Якубова Эхтибор Негматуллоевна дар мавзуи «Инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар низоми рушди иқтисодиёти вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ҳошимзода Ҳ.Ҳ., раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 дар асоси варақаи ҳузур аъзои шуроро дар бораи босалоҳият будани маҷлис огоҳ карда, рӯзномаи онро эълон намуд. Сипас раисикунанда довталаби дарёфти дараҷаи илмиро муаррифӣ намуда, ному насаб, мавзуи диссертатсия, ихтисос ва соҳаи илмро, ки аз рӯи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст, ҳамчунин муассисаи пешбар, ному насаб, дараҷаи илмӣ, вазифа ва ҷои кори муқарризони расмиро эълон кард.

Дадоматов Д.Н., иҷрокунандаи вазифаи котиби илмӣ ҳозиринро бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ барои дарёфти дараҷаи илмӣ Якубова Эхтибор Негматуллоевна шинос карда, оид ба мутобиқати онҳо ба талаботи муқарраршуда иттилоъ дод.

Сипас ба унвонҷӯ Якубова Эхтибор Негматуллоевна барои маърӯза аз рӯйи мавзуи «Инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар низоми рушди иқтисодиёти вилояти Суғд» то 20 дақиқа вақт дода шуд.

Пас аз ба итмом расидани маърӯза аъзои шуро доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов М.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Газибеков С.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов

А.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. ба довталаб саволҳо доданд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Якубова Эхтибор Негматуллоевна ба саволҳои аъзои шуро ҷавобҳои мушаххас дод.

Баъдан сухан ба роҳбари илмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. дода шуд. Роҳбари илмӣ дар тақризи худ баҳои илмии диссертатсия, тавсифномаи фаъолияти илмӣ ва илмӣ-омӯзгории Якубова Эхтибор Негматуллоевнаро дода, асоснок намуд, ки барои чӣ ба довталаб дараҷаи илмии дарёфтшаванда дода мешавад.

Дадоматов Д.Н., котиби илмии Шуро ҳозиринро бо хулоса оид ба натиҷаҳои муқаддамотии ташхиси диссертатсия – хулосаи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ш.Душанбе шинос намуд. Ҳамчунин ӯ ҳозиринро бо тақризҳо оид ба автореферат, ки ба шуро аз ҷониби олимони зерин ворид шудаанд, шинос намуд:

1. Самандарзода Искандар Ҳусейн – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

2. Шарифзода Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

3. Бақоев Ш.С. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ;

4. Саидов Мустафохон Каримович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

Бо ризоияти аъзои шуро котиби илмӣ Дадоматов Д.Н. шарҳи тақризҳоро оид ба диссертатсия ва автореферат, бо қироати ҳатмии эродҳое, ки дар онҳо оварда шудаанд, ироа намуд.

Пас аз шинос намудани ҳозирин бо тақризҳо ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Якубова Эхтибор Негматуллоевна барои ҷавоб додан ба эродҳои дар тақризҳо ҷойдошта сухан дода шуд.

Муқарризони расмӣ – Амонова Дилбар Субҳоновна, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон сухан карданд. Бинобар ин бо

сабабҳои объективӣ дар ҷаласа ҳузур надоштани муқарризи расмӣ, Гадайбаева Шахина Ҷафаровна, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд тақризи он касро, тибқи низомнома оид ба дараҷаи илмӣ ба котиби шуро доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич қироат карданд. Дар тақризи муқарризон эродҳои ҷойдошта ва баҳои ниҳоиро ба диссертатсия оварда шудаанд.

Баъд аз шунидани тақризи ҳар як муқарриз ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Якубова Эхтибор Негматуллоевна барои ҷавоб додан ба эродҳо сухан дода шуд.

Сипас сухан ба аъзои шуро, мутахассисон доир ба ихтисоси диссертатсия - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Furobobo Бобоҷониён Д.Д. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов А.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. дода шуд. Ба сифати муқарризи ғайрирасмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.М. баромад намуд. Баромадкунандагон зимни мубоҳиса ба диссертатсия баҳои асоснок доданд.

Дар ҷараёни мубоҳиса ба довталаб Якубова Эхтибор Негматуллоевна имкон дода шуд, ки ба эродҳои гирифтаи баромадкунандагон ҷавоб диҳад.

Баъди ба итмом расидани мубоҳиса шуро бо тартиби муқарраршуда аз рӯйи масъалаи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Якубова Э.Н. овоздиҳии пинҳонӣ баргузор намуд. Комиссияи ҳисоб дар ҳайати зерин интихоб карда шуд: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Газибеков С.А. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов М.М.

Комиссия Бобоҷониён Д.Д.-ро раис интихоб кард, ки мавсуф ҳозиринро бо натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ шинос намуд:

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 11 нафар тасдиқ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок намуданд 9 нафар, аз ҷумла доктурони илм 9 нафар. Бюллетенҳои додашуда - 9 адад. Бюллетенҳои тақсимнашуда – 2 адад. Бюллетенҳо дар қуттӣ - 9 адад.

Натиҷаи овоздиҳӣ доир ба масъалаи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Якубова Эхтибор Негматуллоевна: тарафдор - 9 нафар; муқобил – нест; бюллетенҳои беэътибор - нест.

Баъди бо овоздиҳии пинҳонӣ тасдиқ намудани протоколи маҷлиси комиссияи ҳисоб оид ба натиҷаи овоздиҳӣ доир ба масъалаи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 –

Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба Якубова Э.Н., лоиҳаи хулосаи шуро, ки пеш аз оғози маҷлис барои шиносоӣ ба ҳар як аъзои шуро пешниҳод шуда буд, аз рӯйи ҳимояи диссертатсия муҳокима карда шуд. Матни хулоса бо овоздиҳии ошкоро бо як овоз қабул карда шуд.

Ҳамин тариқ, шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 баъди шунидан ва баррасии диссертатсияи Якубова Эхтибор Негматуллоевна дар мавзуи «Инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар низоми рушди иқтисодиёти вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, тақризи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тақризи муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновна, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Гадайбаева Шахина Ҷафаровна, ҳамчунин муқарризони ғайрирасмӣ мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ., дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ ба диссертатсия дар бораи эътимоднокӣ, навгонӣ ва аҳамияти онҳо барои назария ва амалия, натиҷаҳои ба дастоварда, ҳамчунин аз рӯйи натиҷаҳои корҳои чопшудаи Якубова Эхтибор Негматуллоевна

**қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Якубова Эхтибор Негматуллоевна дар мавзуи «Инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар низоми рушди иқтисодиёти вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - бандҳои 31 ва 33 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ аз 30 июни соли 2021, № 267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Якубова Э.Н. дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.

4. Ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба Якубова Эхтибор Негматуллоевна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дархост карда шавад.

Қарори шурои диссертатсионӣ бо як овоз қабул шуд.

Бо ҳамин кори маҷлиси шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.**

**И.в. котиби илмӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Дадоматов Д.Н.**